«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишкадаи
давлатиифарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода»,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
________________Низомӣ М.З.
аз «_28_» ___03___ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - таърихи ватанӣ)**

Мувофиқи суратҷаласаи № 5-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 08.02.2024 МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» барои диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқаррар гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсияи Яқубшоев А.Х. ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» бахшида шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат менамояд ва он дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» баррасӣ ва муҳокима гардида, бо баҳои мусбат арзёб гардидааст.

Дар раванди муҳокимаи рисола аъзои кафеда 10 нафар, аз ҷумла 4 нафар номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадазимова М.М., номзади илмҳои таърих, дотсент Шарофуддинов С.С., номзади илмҳои таърих, дотсент Сбиров Н. И., номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аминӣ А.Ф. муаллими калон Холибоева Н.С. ва дигар устодон бо матни диссертатсия шинос гардида, оид ба он андешаронӣ намуданд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадазимова Майрам Муҳиддиновна ироа гардид, қайд намудааст, ки рисолаи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» дар давраи истиқлоли давлатӣ мавзуи мубрам ва дорои аҳаммияти калони илмию-назариявӣ мебошад. Дар навбати худ номзади илмҳои таърих дотсентон С. Шарофуддинов ва Н. Собиров фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ** дар он ифода меёбад, ки бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар соҳаи фарҳанги Тоҷикистон, ҳамчунин баъзе мушкилоту, камбудиҳо ва норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо бе таҳлили илмӣ, баҳои воқеӣ ва тавсияҳои амалӣ аз имкон берун аст. Санъати саҳнавии тоҷик дар охири солҳои 90-ум дар натиҷаи душвориҳо, аз фаъолият боз монд ва танҳо бо кӯшиш ва ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории соҳаи мазкур дубора барқарор карда шуда, ба мустаҳкамкунии пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид ва чораҳои амалӣ андешида шудаанд. Бо вуҷуди аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои муассир баҳри пешрафт ва барқароркунии соҳаи фарҳанг камбудиҳои мавҷуда ба пуррагӣ бартараф нагардидаанд. Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқотии интихобшуда «Таърихи санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» мубрам буда, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасткуниҳо барои омӯзиши нозукиҳои таърихии рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг басо муҳим хоҳанд буд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** вазъият ва рушди ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият инъикос менамояд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро** омӯзиши таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016) фарогир мебошад.

**Заминаҳои сарчашмавии** тадқиқоти мазкур васеъ буда, дар кори илмӣ аз маводи бойгонии муассисаҳои фарҳангӣ, санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳисоботи соҳаҳо, маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва матбуоти даврӣ истифода бурда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиш ва инъикос намудани рушди фарҳанг ва мақоми соҳаҳои санъат дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолии ҷумҳурӣ, фаъолияти соҳаи мазкур ва муайян намудани душвориҳою мушкилот он мебошад.

**Навгонии илмӣ ва назариявии таҳқиқот** дар муайянкунии хусусиятҳо ва шаклҳои рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ва инъикос дар доираи хронологияи муқарраршуда мебошад.

**Сохтори диссертатсия** бо мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

**Дар муқаддима** аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳову навгониҳо ва муҳимтарин нуқтаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба таври фишурда шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, методикаи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назариявию амалии кор бо далелҳо собит ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия **«Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир»** унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби якум, ки **«Нақши театрҳо дар инкишофи фарҳанги халқи тоҷик»** номида шудааст, пажӯҳишгар доир ба вазъи

умумии театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол, мушкилот ва норасоиҳои соҳа, фаъолияти театрҳо маълумоти муфассал гирдоварӣ намудааст.

Дар ин росто пажӯҳишгар қайд мекунад, ки соҳаи фарҳанг ва санъати саҳнавӣ барои рушди ҳаёти маънавии ҷомеа, ташаккули низоми арзишҳо ва ахлоқи миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Бо ҳамин мақсад давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт баҳри пешбурд ва фароҳам овардани фазои мусоиди инкишофи соҳа сиёсати мушаххас тарҳрезӣ ва пиёда намудааст. Вазъи театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқлол бо фаъолияти пурсамар ва эҷодиёти пурғановат дар саҳифаҳои таърих таҳлил шудааст. Санъати саҳнавӣ, ки падидаи иҷтимоии башарият ҳасту дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷавҳари ҳастии миллат эътироф шудааст, баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, шинохти таърихи ибратомӯзи ниёгон ва комёбиҳои муассири замони истиқлол мусоидат менамояд. Аён аст, ки фарҳанги маънавии мардуми тоҷик аз як хазинаи пурбори таъриху фарҳанги ирфонӣ сарчашма мегирад, ки солҳо дар масири мавҷудияти таърихии миллати тоҷик, дар эҳё ва идомаи ҳастии таърихии миллат нақши созгор гузоштааст. Муаллиф қайд намудааст, ки мушкиливу норасоиҳо дар фаъолияти эҷодии театрҳо зиёданд ва яке аз ин мушкилот дуруст ба роҳ монда нашудани ҳамкориҳои муассисаҳои ҳунарӣ бо эҷодкорон – оҳангсозон, шоирон ва хореографҳо маҳсуб меёбад. Қобили қайд аст, ки таҳқиқоти мазкур эътибору нуфузи театр ва санъати театриро дар баланд бардоштани маърифати аҳли ҷомеа боз ҳам бештар мегардонад. Ҳамаи ин муваффақиятҳо ба шарофати истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғамхориҳои саривақтии ҳукумат нисбати ин соҳа имконпазир гардид.

Дар зербоби дуюми боби аввал **«Саҳми фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар рушди театри касбии тоҷик»** баррасии масъалаҳои ташкил ва баргузории фестивал-озмунҳои мухталиф дар

ҷодаи санъати саҳнавӣ чи дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таърихи густариши фарҳанг ва санъати театрӣ баҳри баланд бардоштани маънавиёти мардуми ҷумҳурии тозаистиқлоламон нақши фестивал-озмунҳои «Парасту» ва фестивал-озмунҳои байналмилалии «Чодари хаёл», «Наврӯз», АРТ ОРДО, «Санъат барои сулҳ», фестивал-озмуни театрҳои касбии «Театр – оплот мира» барои рушди санъати театрӣ саҳми назаррас доранд.

Гарчанде дар замони истиқлолият асарҳои драммавии театрҳои касбӣ дар жанрҳои гуногун офарида шуда бошанд ҳам, вале онҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд. Ин намоишномаҳо на аз ҷиҳати сохтакорию сунъӣ буданашон, балки аз ҷиҳати задухӯрдҳо, рафтору кирдори қаҳрамонҳо, фикр ва забони баёни онҳо низ камбудиҳои зиёде доштанд. Боиси ифтихор аст, ки театрҳо ба мушкилоти пешомада нигоҳ накарда, намоишномаҳои худро дар фестивал-озмунҳо пешкаш намудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллиф тавонистааст тамоми палуҳо ва ҳолатҳои мавҷудаи фестивал-озмунҳоро дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз диди нав таҳлил намояд.

Муҳақиқ қайд кардааст, ки як чанд ҳунарманди моҳири санъати театрии Тоҷикистон дар натиҷаи ширкати фаъол дар кори озмунҳои «Парасту», «Чодари хаёл», «Наврӯз», «Арт-орд» ва ғайра соҳиби диплому ҷоиза ва ифтихорномаҳои гуногун шуданд. Ҷиҳати дигари самаранокии кори озмунҳо, фестивалҳо дар кори театрҳои касбии ҷумҳурӣ ин вусъат ёфтани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва сафарҳои гуногуни ҳунарии кормандони театр мебошад, ки дунёи васеи хунари театриро барои аҳли ҳунари кишвар боз намуд.

Дар боби дуюм **«Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол»** мушкилоту, камбудиҳо ва пешравиҳои соҳа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Ташаккул ва рушди мусиқии миллии халқи тоҷик дар даврони истиқлол»** доир ба эҳё, рушд ва такомули афкори мусиқии халқи тоҷик маълумот дода мешаванд.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ баъд аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар беш аз пеш беҳтару ҷолибтар шудааст.

Шиносои бо муҳтавои ин фаъолият аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳақиқ оид ба санъати саҳнави ва рушди он, аз ҷумла мусиқии миллӣ «Шашмақом» ва «Фалак», бараъло нишон дода, назари давлату ҳукумат ва махсусан, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нишон медиҳад.

Дар солҳои истиқлол жанри дигари мусиқӣ – фалак низ дубора эҳё карда шуда, рушд меёбад. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурӣ аз ҷониби фалаксароён озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Қарорҳову супоришоти дахлдор қабул гардидаанд, ки аз болои онҳо назорати қатъӣ ҷорӣ шудааст.

Дар ин росто фалаксароёни машҳури тоҷик ба монанди Гулчеҳра Содиқова ва Давлатманд Холов, сарояндаҳои шинохта Мусаввар Минаков, Аслигул Искандарова, Сафар Муродов, Муродбек Насриддинов, Ҳошимовҳо, Назриевҳо ва дигарон дар фестивал-озмунҳо ва сафарҳои ҳунарӣ ширкат варзидаанд. Фестивал ва симпозиумҳои байналмилалии «Шашмақом», «Фалак», «Баҳористон» ва «Аржанг» доир гардиданд, ки ҳунармандону олимон аз кишварҳои хориҷа, ба монанди Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Чин, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Фаронса дар онҳо иштирок намудаанд. Ҳамзамон, диссертант қайд мекунад, ки ходимон, кормандони фарҳанг, оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намуданд.

Дар зербоби дуюм боби дуюм «**Омилҳои пешрафти мусиқии халқи тоҷик**» муҳаққиқ омилҳои рушди мусиқии касбиро дар даврони истиқлол мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Аз андешаронихои муҳақиқ бар меояд, ки дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг бароиривоҷу равнақи афкори мусиқии тоҷик чи дар дохил ва чи берун аз ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Мероси ғании моддӣ ва маънавии санъати мусиқии тоҷик имкон дод, ки дар марҳилаи нави рушди ҷомеа ҳамаи жанрҳои мусиқӣ дар кишвар баробар рушд кунанд. Махсусан, жанрҳои классикии санъати мусиқии халқи тоҷик бештар дар маркази диққати аҳли ҳунар, эҷод ва кормандони фарҳанги кишвар қарор доштанд. Дар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг, оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намудаанд. Чорабиниҳои асосии фарҳангии муаррифгари афкори мусиқии миллии тоҷик фестивал-озмунҳо, консертҳо ва сафарҳои ҳунарии дастаҳо ва ансамблҳои мусиқӣ маҳсуб меёбанд.

Боби сеюми дисертатсия оид ба «**Дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият**» ва тамоюли нав дар санъати синамо ва ҳамкориҳои хориҷии синамогарони тоҷик маълумот медиҳад.

Зербоби аввали боби сеюм «**Вазъи умумии санъати синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016**» вазъи умумии санъати синамои тоҷикро ҳамаҷониба дар давраи истиқлол пажӯҳиш карда, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Бояд зикр кард, ки синаморо барои он яке аз соҳаи санъати асосӣ мешуморанд, ки он хосияти оммавӣ дорад. Аз ин рӯ, ба ин соҳа бояд ҳар чи бештар диққат дода, аз он ба таври зарурӣ истифода кардан лозим аст. Дар замони шуравӣ ба санъати синамо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд ва аз ин рӯ, он як аслиҳаи неруманди ташвиқоту тарғибот ба шумор

мерафт. Муҳақиқ қайд менамояд, ки барои кишвари мо зарур аст, ки бозори синамои худро ташкил дода, тамошобинро ба кинотеатр ҷалб намояд. Аз таҳқиқот бармеояд, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ синамои тоҷик бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид, ки ба он чандин омилҳо таъсир мерасонданд.

Ба андешаи муаллиф ин, қабл аз ҳама қатъ гардидани маблағгузории марказии Кумитаи киноматографияи ИҶШС ва иқтидори заифи воситаҳои дохилии ҷойдошта, оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат ва оқибатҳои манфии он, суст шудани асосҳои қувваи кории мутахассисони синамои тоҷик, қатъ гардидани муносибатҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ доир ба офаридани филмҳо, воридоти мавод барои навори синамо аз корхонаҳои шаҳри Қазони ҶМШС Тотористон, корхонаи Шосткинский ҶШС Украина, дигар мавод барои навори филмҳо аз Москва ва дигар корхонаҳо маҳсуб меёбанд. Диссертант чунин қайд мекунад, ки сабаби дигар дар он аст, ки мутахассисони соҳа синамои тоҷикро ба ду қисм ҷудо намуданд. Яъне филмҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон офарида мешуданд ва филмҳое, ки хориҷ аз кишвар ба навор гирифта шудаанд, боиси пешрафти соҳаи синамо мебошад. Бояд тазаккур дод, ки мутахассисони соҳа дар филмофарӣ бештар ба асарҳои миллӣ, таърихӣ ва тамоюлҳои фарҳанги халқамон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва дар ин самт бисёр корҳои наҷиб баҳри ташвиқи арзишҳои асосии миллӣ анҷом дода мешаванд.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Ҳамкориҳои синамогарони тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ**» ҷузъиёти ҳамкории эҷодию филмофарии синамогарони тоҷикро бо ҳамкасбони хориҷӣ фаро мегирад. Барои рушди бомароми санъати синамо ҳамкориҳои техникӣ, технологӣ, эҷодӣ, касбомӯзӣ, аз худ кардани забони кино ва дигар масъалаҳо бо синамогарон, коршиносон, коргардонҳои варзидаи кишварҳои дуру наздик зарур аст. Синамогарони тоҷик дар ин самт дар марҳилаи нави рушди синамо бо синамогарони кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда,

корҳои зиёде ба сомон расонидаанд. Диссертант қайд мекунад, ки муносибатҳои байналмилалӣ синамобазмҳои байналмилалӣ ба монанди «Дидор», «Фаҷр», фестивали синамои Лаҳистон «Висла», кинофестивали байналмилалии «International Film Festival», кинофестивали байналмилалии «Кинотавр» ва ғайра тавонистанд, ки на танҳо кишварҳои дуру наздикро ба ҳамкорӣ ҷалб намоянд, балки дар доираи ин ҳамкориҳои судманд дар соҳаи синамои тоҷик ба ҷараёни нави кору фаъолияти соҳа ноил гарданд.

Чунончӣ айён гардид, ки асосан дар давраи мавриди тадқиқ синамогарони тоҷик дар доираи Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон, муассисаи давлатии синамо ва видеои «Тоҷиккино» ва студияи давлатии «Тоҷикфилм» ба ҳамкориҳои зиёди судманд бо синамогарони кишварҳои дуру наздик ноил гарданд. Ин ҳамкориҳои хориҷӣ боиси рушди кинои ҷавони тоҷик гардидаанд.

Хулосаи диссертатсия бо фикриҳои ҷамъбастии муҳаққиқ оид ба мавзуъ овардашуда ва пешниҳоду тавсияҳои ӯ қобили қабул мебошанд.

Муҳақиқ тавонистааст, ки аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот бо сарбаландӣ барояд.

Сохтор ва мухтавои асосии диссертатсияи Яқубшоев А.Х. **«Таърихи санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)»** мувофиқи талабот ва меъёрҳои муайянгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ҷавобгӯи меъёрҳои муайянгардидаи он мебошад.

Бояд гуфт, ки диссертант оид ба диссертатсияи худ 11 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

Дар баробари дастовардҳои наҷиби илмӣ метавон якчанд эродҳои ҷузъиро қайд намуд, ки ба назари мо ислоҳталаб мебошанд.

Аз ҷумла:

1. Аз соли 1991 то соли 2016 чандкадар мавод аз театрҳо ва синамои тоҷик ба Бойгонии марказии давлатии аксу садо ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

2. Дар рисолаи илмӣ аз маводҳои Бойгонии марказии давлатии аксу садо ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудааст.

3. Ба назари мо, пешниҳод намудан зарур аст, ки барои рушди театр ва синамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд кадом корҳо ба анҷом расонида шаванд, то ки тамошобинон ба театрҳо ҷалб карда шаванд.

4. Дар рисола ва автореферат хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда мухтавои илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва муаллиф метавонад онҳоро ҳангоми нашри монография ислоҳ намояд.

Хулоса, рисолаи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи **«Таърихи санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)»** ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Низомнома ва бандҳои 31-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст ва тағйиру идоваҳо ба он (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Якубшоев Афруз Хубоншоевич - сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 -таърихи ватанӣ) мебошад.

Такризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» санаи 28-уми марти соли 2024 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор»- 10;
«муқобил» - нест; «бетараф» - нест.
Суратҷаласаи кафедра № 8 аз 28 марта соли 2024.

**Раисикунанда, мудири кафедраи**
**бойгоншиносии факултети китобдорӣ**
**ва иттилоотшиносии МДТ "ДДФСТ**
**ба номи Мирзо Турсунзода",**
**н.и.т. дотсент** **Мамадазимова М.М.**

**Ташхисгар, н.и.т., дотсент** **Шарофуддинов С.С.**

**Котиби ҷаласа,** **Холмуродов Д.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ**
**"ДДФСТ ба номи М.Турсунзода"** **Ҳомидова З.**

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг**
**ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода"**
**734032 Ҷумҳурии Тоҷикистон , ш.Душанбе к. Борбад 73 А,**
**Почтаи электронӣ: Email: tajartins@yandex,**
**www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.**
**(+99237) 2311827; fax. (+99237) 231-45-45**